## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика), аз ҷумла ба бандҳои 1.1. Назария ва технологияи таълими математика; 1.2. Баҳодиҳии сифати таълими математика мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамӣ ва зарурати таҳқиқи мавзуъ бо он асос меёбад, ки роҳҳои баланд бардоштани сифати таълиму таҳсилот, инчунин, назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика ба мақсаду ҳадафҳои низоми маорифи кишвар ва барномаҳои давлатии соҳа «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва дигар барномаҳои давлатии соҳавӣ мувофиқ мебошад. Зеро дар шароити муосир накш ва мақоми илмҳои дақиқ, бахусус, математика назаррас буда, он барои омӯзиши фанҳои дигари бахши табиатшиносӣ аҳаммияти калидӣ дошта, ҳамчун манбаи боэътимод دониста мешавад. Мубрамии масъаларо Президенти кишвар зимни ироаи Паёми худ 28.12.2023 чунин иброз намуда буданд: «...омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад».

Вобаста ба ин, муаллифи диссертатсия муҳиммияти таҳқиқро, ки бо як қатор омилҳои дигар низ асоснок мегардад, ба таври мушаххас дар диссертатсия баён намудааст. Дарвоқеъ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ норасогии омӯзгорони математика ба мушкилоти мубрами рӯз табдил ёфтааст. Ҳамзамон, тамоюли марказшитоб касб кардани кӯчиши омӯзгорон аз деҳот ба шаҳр, бо туфайли маоши нокифоя ба муҳоҷират рафтани онҳо, адами хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ қарор гирифтани онҳо ва ғайра яке аз омилҳои асосии норасогии омӯзгорони самти математика мебошад.

Диссертант зимни таҳлилу баррасии мавзуъ роҳҳои назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математикаро дар МТОК ба таври мукаммал нишон додааст. Инчунин, нақшаву барномаҳои таълимӣ мушаххасан мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, сабабу омилҳои таъсиррасон ба тайёрии касбии донишҷӯён бо ҷадвалу диаграммаҳои муқоисавӣ нишон дода шудаанд. Махсусан, диссертант одилона мувофиқ набудани нақшаву барномаҳои таълимӣ-таҳсилотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар нақшаҳои таълимӣ риоя нагардидани принсипи пайдарҳамии фанҳои тадрисиро нишон додааст, ки ба сатҳу сифати таҳсили донишҷӯён-омӯзгорони оянда бетаъсир намебошад. Аз ин ҷост, ки бе тайёрӣ ва омодагии касбӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ ворид гардидани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, хусусан, равияи математикӣ, ба он оварда расонидааст, ки заминаи донишҳои математикӣ дар хонандагону довталабон коста гардида, шавқу ҳавас ба ин ихтисос коҳиш ёфта истодааст.

Ба талаботи замон мувофиқ гардонидани тайёрии касбии донишҷӯ-омӯзгориояндаи самти математика дар сурате ба миён меояд, ки методҳои фаъоли таълимӣ ба мазмун ва мундариҷаи воситаҳои таълим мувофиқ бошанд. Чунин муқаррарот аз он вобастагӣ дорад, ки дар тайёрии касбии донишҷӯ-омӯзгори оянда мазмуну мундариҷаи нақшаву барномаҳо аҳаммияти асосӣ ва муҳим доранд, зеро дар шароити барзиёдии маводи таълимии назариявӣ муайянсозии роҳҳои нави фаъолгардонии раванди таълим бо истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ҷиҳати баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷуёни самти математика талаботи асосӣ мебошад.

Асосҳои методии тайёрии касбии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи методҳои гуногуни фаъоли таълимӣ алоқаманд буда, зимнан аз мазмун ва мундариҷаи фанҳои тадрисшаванда вобаста мебошад. Инчунин, мувофиқ гардонидани мазмун ва мундариҷаи нақша ва барномаҳои таълимиву таҳсилотӣ, пайдарҳамии фанҳои таълимӣ шарти асосии баланд бардоштани сифати тайёрии касбӣ ва мукаммалии донишҳои тахассусии донишҷӯёни самти математика мебошанд.

Ҳамин тавр, муаллифи диссертатсия таҳқиқи мавзуи мазкурро дар баланд бардоштани тайёрии касбӣ ва методии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ намуда, онро дар сатҳи зарурӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он бо дурустии истифодаи методҳои таҳқиқ ва мантиқан дуруст будани онҳо ба вазифаҳои гузоштаишуда баён шудаанд.

Муаллиф дар шароити муосири таълимӣ системаи методии амалинамоии муносибати таълими босалоҳиятро дар таълими фанни математика (дар мисоли фанҳои алгебра ва назарияи ададҳо) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки яке аз навгонии илмии кор маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, бо дарназардошти таҳлилу баррасӣ, ба даст омадани натиҷаҳои мусбати корҳои озмоишӣ, пешниҳоди тавсияҳои методӣ, муаллиф ба чунин натиҷаҳо даст ёфтааст, ки аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ доранд:

- асосҳои методии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шуд;
- асоснок карда шуд, ки дар нақшаҳои таълимӣ зиёд намудани миқдори фанҳои таълимии тахассусӣ ва соатҳои таълимӣ бо нигоҳ доштани муттасилии фанҳо дар баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯён мусоидат менамояд;
- роҳҳои назорат ва баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни ихтисосҳои самти математика муайян карда шуд;
- дастури таълимии намунавӣ аз фанни алгебра ва назарияи ададҳо мувофиқ бо низоми таълими босалоҳият таҳия карда шуд, ки истифода аз он дар тайёрии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи самти математика муфид хоҳад буд;
- сабабу омилҳои мусбат ва манфии вазъи таълими курси математика дар раванди омодакунии мутахассисони ихтисосҳои самти математика муайян карда шуд;
- вобаста ба баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика меъёру нишондодҳо оид таълими босалоҳият муайян карда шуд.

Дар заминаи навгониҳои илмӣ муаллифи диссертатсия чунин нуктаҳои илмиро ба ҳимоя пешниҳод менамояд:

- дар заминаи талаботи барномаҳои давлатӣ, таҳсилотӣ ва таълимӣ масъалаи ба таври зарурӣ омода намудани мутахассисони касбии самти математика дар замони таҳаввулоти илмӣ-техникӣ, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва сохтору муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба шумор меравад, масъалаи мубрами рӯз мебошад;
- бо мақсади назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯён ва мустаҳкам намудани донишҳои тахассусии онҳо истифодаи ТИК дар раванди низоми таълими босалоҳият, муттасил будани барномаҳои таълимӣ,

таҳсилотӣ ва низоми таълим дар МТМУ ва МТОК муҳим ва саривақтӣ мебошад;

- ба роҳ мондани табодули академии донишҷӯёни самти математика дар байни МТОК-и ҷумҳурӣ ва донишгоҳҳои берун аз кишвар яке аз роҳҳои баланд бардоштани тайёрии касбӣ ва ҷалб намудани донишҷӯён ба илмомӯзӣ дар баланд бардоштани вазъи таълими курси математика мегардад;

- меъёру нишондодҳои асосии омодагӣ ва тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика барои назорат ва идоракунии тайёрии касбӣ, инкишофи донишҳои математикии онҳо, ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас дар омодасозии омӯзгорони оянда муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегарданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Таҳқиқи муаллиф дар заминаи омӯзиши адабиёти гуногуни илмӣ ва методӣ ба анҷом расидааст. Бинобар ин хулосаҳо ва натиҷаҳои дар диссертатсия овардашуда илман асоснок мебошанд. Инчунин, дар раванди таҳқиқ таҷрибаи кишварҳои тараққикардаи олам низ ба инобат гирифта шуда, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, консепсияҳои ташхиси педагогӣ, бо такя ба як қатор методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, инчунин тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшуда ва таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин карда шудаанд.

Натиҷаҳои диссертатсия дар 2 дастур ва 8 мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф инъикос гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Муҳтавои диссертатсия аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқ», се боб, бахшҳои «Хулосаҳо», «Рӯйхати адабиёти истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 190 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, 28 диаграмма ва 21 ҷадвалро дарбар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо дар ҳар боби диссертатсия ба инобат гирифта шудааст. Рӯйхати адабиёт фарогири 174 номгӯй мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши таҳқиқ, объект, предмет, фарзия, мақсаду вазифаҳои асосии он муайян ва мушаххас карда шуда, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда қайд гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявӣ - методии назорат ва тайёрии касбии донишҷӯёни математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввал «Асосҳои методии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» асосҳои назариявӣ-методии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика, барномаву стандартҳои давлатӣ, нақшаҳои таълимӣ, методу усулҳои муосири таълимию тарбиявӣ ва педагогиву психологӣ баррасӣ гардида, аҳаммияти назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити имрӯзаи ҷомеаи кишвар нишон дода шудааст.

Зербоби дуюм «Таҳлили нақшаву барномаҳои таълимӣ дар тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика» унвон гирифта, дар он нақшаву барномаҳои таълими солҳои 2002, 2014 ва 2022 таҳлили воқеии худро ёфтааст. Дар шароити Истиқлоли давлатӣ бори аввал аст, ки нақшаву барномаҳои таълимӣ аз ҷониби муҳаққиқону унвонҷӯёни ватании самти математика мушаххас таҳлил меёбанд.

Сатторов Қ.А. дар диссертатсия нақши таҳлили нақшаву барномаҳои таълимиро дар рушд ва баланд бардоштани донишҳои тахассусӣ ва тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика воситаи муҳимми низоми идоракунии раванди таълим арзёбӣ намуда, аҳаммияти хоса доштани онро нишон додааст.

Боби дуюм «Таҳлили вазъи кунунии таълим ва сатҳи тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда аз 2 зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум «Вазъи таълими курси математика дар тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» мавриди таҳлил, санҷиш ва назарпурсии донишҷӯён дар ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ДДБ ба номи Носири Хусрав аз тарафи муаллифи диссертатсия қарор гирифтааст.

Сатҳи дониши тахассусии донишҷӯён бо пурсишномаи анкетавӣ ҷиҳати муайян намудани вазъи тайёрии касбии онҳо дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ муайян карда шуд. Муаллиф сабабу омилҳои таъсиррасонро дар тайёрии касбии донишҷӯён ба таври мукаммал баён намуда, роҳҳои ҳал ва ба як низом мутобиқ намудани раванди таълимро дар шароити таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ пешниҳод намудааст.

Дар зербоби дуюм масъалаи «Таълим ва тайёрии касбии омӯзгори ояндаи математика бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, зимни омӯзиш ва таҳлил муайян карда шуд, ки меҳнатталабии омӯзгорон ва донишҷӯён дар раванди таълими низоми кредитии таҳсилот ба пешрафти илму техника ва талаботи бозори меҳнат бо истифода аз технологияи иттилоотию

коммуникатсионӣ мутобиқ карда шуда, дар баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика нақши муҳим мебозад.

Муаллиф афзалияти машғулиятҳои таълимиро дар шароити таълими анъанавӣ ва низоми кредитии таҳсилот таҳлилу арзёбӣ намуда, истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсиониро ҳамчун, воситаи муҳим, сариватӣ ва афзалиятноки раванди машғулиятҳо баҳогузорӣ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, аз 3 зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум «Роҳҳои назорат ва идоракунии сифати тайёр кардани омӯзгорони ояндаи самти математика» ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар раванди таълим ва низоми назорату идоракунии сифати омода намудани омӯзгори оянда, ки ба усулҳои фаъоли азхудкунии дониш ва рушди қобилияти эҷодии донишҷӯён нигаронида шудаанд, муҳим арзёбӣ ёфтааст.

Зербоби дуюми боби сеюм «Коркарди усулҳои нав дар ҳалли масъалаҳои математикӣ ҳангоми тайёр кардани донишҷӯёни самти математика зимни низоми таълими босалоҳият» номгузорӣ шуда, эҳтиёҷоти бахши маориф, таҳсилоти олӣ ва умумии касбӣ ба кадрҳои дараҷаи баланди омодагӣ ва тахассусдошта, дорои қобилияти худомӯзӣ, хулосабарории фаврӣ, биниши наву ҳамафарогир нишон дода шудааст.

Дар зербоби сеюм «Натиҷагирии озмоишии педагогӣ оид ба тайёркунии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» муаллиф корҳои озмоишӣ-педагогиро барои баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика, коркарди усулҳои нави таълим зимни истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва татбиқи низоми босалоҳият натиҷагирӣ кардааст. Корҳои озмоишӣ-педагогӣ дар ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва ДДБ ба номи Н. Хусрав дар 3 марҳила сурат гирифтааст. Ҳар як марҳилаи санҷиш тибқи пурсишнома бо дарназардоти азхудкунии маводи таълимӣ аз фанни алгебра ва назарияи ададҳо сурат гирифта, озмоишҳои педагогӣ дар байни донишҷӯёни ихтисосҳои самти математика гузаронида шуда, натиҷаҳои муайяни илмӣ ба даст омадаанд.

Дар умум шакли таълим характери диалектикӣ дошта, ҷиҳатҳои мусбату манфии он бо назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика вобаста ба вазъияти мавзуъ пурра татбиқ мегардад.

**Хулосаи умумии таҳқиқи диссертатсионӣ аз 8 банд иборат буда**, дар он муаллиф таҳқиқи мавзуъро ба ҳадафҳои низоми маорифи кишвар ва барномаҳои давлатӣ дар шароити рушди босуръати технологияи муосири

ҷаҳонӣ мувофиқ шумурда, нақш ва мавқеи илмҳои даққиқ, алалхуссус, математикаро назаррас қайд намудааст.

Муаллиф аз рӯйи натиҷаи омӯзиш, таҳлил ва хулосаи мавзуи таҳқиқотӣ чунин муқаррароти меҳвариро пешниҳод намудаст:

1. Коркард ва ҷорӣ намудани роҳҳои самарабахши системаи назорат ва идоракунии сифати таҳсилот дар МТОК барои баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар шароити рушди бемайлони соҳаи маорифи кишвар саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

2. Бе дарназардошти сатҳи зарурии тайёрии касбии мутахассисон, аз ҷумла, донишҷӯён-омӯзгорониояндаи самти математика роҳандозӣ ва дар амал татбиқ намудани нақшаву барномаҳои стратегии самти маориф ғайриимкон мебошад.

3. Натиҷаи таҳлилҳои муайяншуда асоснок менамояд, ки дар баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дурустии нақша ва барномаҳои таълимӣ, пайдарҳамии фанҳои таълимӣ, мутобиқ будани мазмун ва мундариҷаи фанҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат, самаранок истифода бурдани маҷмуи буҷаи вақт ва ташкил намудани муҳити илмӣ-таълимӣ ва ғайра нақши асосӣ доранд.

4. Технологияи муносибати босалоҳият ба таълим фарогири ҳамгироии донишу малака ва маҳорат буда, дар донишҷӯ қобилиятҳои азхудкунӣ, дониш, малакаву маҳоратро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, яке аз омилҳои асосӣ, ки ба тайёрии касбии мутахассисон вусъат мебахшад, ин мутобиқ намудани нақшаву барномаҳо ва стандартҳои таълимӣ ба талаботи таълими низоми босалоҳият мебошад.

5. Таълими муносибати босалоҳият барои рушди маҳорати эҷодӣ, азхудкунӣ, истифода намудани дониш, малака ва маҳорат мебошад. Он дар раванди таълим ва тайёрии касбии донишҷӯён дар МТОК ҷиҳати аз байн бурдани мухолифати байни фазои таълимиву таҳсилотӣ ва муҳитиояндаи фаъолияти онҳо дар МТМУ мусоидат менамояд.

6. Тайёрии касбии омӯзгорониояндаи самти математика коркарди роҳу усулҳои навро тақозо менамояд, зеро ба омӯзгор ва донишҷӯ имконияти самаранок истифода бурдани буҷаи вақт ва ба таври аёнӣ нишон додани ҳолатҳои дарсро фароҳам меорад.

7. Муаллиф, ҳангоми коркарди усулҳои нави таълим дар рафти натиҷагирии корҳои озмоишӣ ва педагогӣ дастури таълимӣ аз фанни алгебра ва назарияи ададҳо мувофиқ ба талаботи низоми таълими босалоҳият таҳия намуда, онро дар раванди корҳои озмоишӣ мавриди корбарӣ қарор дод. Дар натиҷа баъди гузаронидани корҳои озмоишӣ-педагогӣ дар ДДК ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ДДБ ба номи Носири Хусрав ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

8. Таҳлили натиҷаҳои озмоишии педагогии гузаронидаи муаллиф нишон медиҳанд, ки таълими фанҳои тахассусӣ дар МТОК мутобиқ бо низоми таълими босалоҳият, инчунин, истифодаи ТИК дар ҷараёни таълими курси математика дар баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯён нақши муҳим мебозад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқии Сатторов Қ.А. ба баланд бардоштани роҳҳои назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар МТОК дар шароити муосир равона шудааст. Ҳамзамон, муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо тавсияҳои зерини илмиро пешиҳод намудааст:

1. Дар МТОК роҳҳои назорат ва идоракунии сифати таҳсилот дар асоси барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаву барномаҳои таълимӣ ба роҳ монда шуда, мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва маводҳои ёрирасони дигари таълимӣ ба онҳо мувофиқ карда шавад;

2. Дар раванди машғулиятҳои таълимӣ омӯзгорони дарсдиҳанда таълимро бо истифодаи ТИК зимни низоми таълими босалоҳият ба роҳ монанд, зеро ин раванд барои баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар МТОК мусоидат мекунад;

3. Барои омӯзгорон ва донишҷӯёни самти математикаи МТОК имконият ва шароити таълимӣ бо мавҷудияти воситаҳои муосири таълимӣ аз ҷумлаи ТИК фароҳам оварда шавад, ки берун аз машғулиятҳои таълимӣ барои иҷрои корҳои мустақилона, машғулиятҳои факултативӣ, корҳои курсӣ ва таҳияи рисолаи хатм мусоидат кунад;

4. Мавзуъҳои дарсии китобҳои дарсӣ, дастуру вотитаҳои таълимӣ ва ёрирасон вобаста ба фанҳои тадрисшавандаи ихтисосҳои самти математика ба талаботи низоми таълими босалоҳият мувофиқ карда шаванд;

5. Аз курси такмили ихтисос гузаштани омӯзгорони самти математика ба баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика мусоидат мекунад, зеро омӯзгорон дар ин раванд ба методҳо ва низомҳои фаъоли муосири таълимӣ шинос мешаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:** Оид ба мавзуи диссертатсия муаллиф 2 дастури таълимӣ ва 8 номгӯи мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин миқдор 4–то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия, 4 –то дар маводди

конференсияҳои байналмилалӣ ва маводди конференсияҳои ҷумҳуриявию донишгоҳӣ интишор шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссератсия ба талаботи Комиссия**.

Диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» бо риояи муқарраротu Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, тахти №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият давроварда шуд, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

1. Муаллиф дар диссертатсия асосан аз осори илмии олимони хориҷӣ оид ба назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика бурдааст, ҳол он ки беҳтар мебуд аз осори олимони ватанӣ низ бештар истифода менамуд, зеро ин ба баланд гардидани арзиши илмии кор мусоидат мекард;
2. Муқоисаи корҳои озмоишию таҷрибавӣ дар ду муассисаи таҳсилоти оли касбии вилояти Хатлон гузаронида шудааст, агар ин таҷрибаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии гуногуни шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриамон гузаронида мешуданд, қимати корро боз ҳам баланд мекард;
3. Хуб мешуд муаллиф дар рафти корҳои озмоишӣ миқдори зиёди донишҷӯёнро ба гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ҷалб мекард;
4. Дар рисола баъзе саҳву иштибоҳоти услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарявию амалии диссертатсияро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика) пешниҳод

гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи алгебра ва
назарияи ададҳои Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Собиров Абдусабур Шукурович

_10_ __06__ соли 2026

Имзои Собиров А.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
_10_ __06__ соли 2026

Маълумот барои тамос:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,
тел./факс: (+992 - 37) 227-15-10,
227-23-96; E-mail: info@tnu.tj; www.tnu.tj